*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш . Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, www.tnu.tj, E-mail: safarbek-8888@mail.ru).*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи “Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия.**

Дар рушди низоми бонкӣ нишондиҳандаи муҳими фаъолияти молиявии бонкҳо устувории молиявии бонкҳо ба ҳисоб меравад. Муаммои таъмини устувории молиявии бонкҳо ба қатори муаммоҳои муҳими умумииқтисодӣ тааллуқ дорад, чунки устувории пасти молиявӣ метавонад ба муфлисшавии бонк оварда расонад.

Дар баробари ин, устувории молиявии бонкҳо аз бузургӣ ва кифоягии сармоя, тавозуни дороиҳо ва уҳдадориҳо, сифати менеҷмент ва дигар нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад, ки ҳамаи инҳо ба омилҳои дохилӣ шомиланд. Дар алоқамандӣ бо ин, омилҳои берунӣ низ вуҷуд доранд, ба монандӣ ҷалби сармоягузорони хориҷӣ барои ташкилнамоии бонкҳои муштарак, зиёдгардии фондҳои захиравӣ, суғуртанамоии бонкҳо, амалисозии назорати мунтазами молиявӣ, гузаронидани мониторинг ва дигар омилҳо мебошанд.

Дар автореферат, муаллиф бештар ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии самтҳои асосии баландбардории устувории молиявии низоми бонкиро мавриди назар қарор додааст. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф дар автореферат устувории молиявии бонкро ҳамчун таҷаммӯи баланди сармояи бонк, афзоиши ҳиссагузориҳои аҳолӣ дар ташаккули сарчашмаи асосии захираҳои бонкӣ, афзоишдиҳии бозоргирӣ, кифоягии сармоя ва васеъгардии бахши хизматрасонӣ меҳисобат, ки мо ба фикри унвонҷӯй Мирзоев С.С. мувофиқ мебошем.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 9, расми 1-уми автореферат оиди омилҳои таъсиррасонанда ба суботи молиявии бонкҳоро овардааст, лекин қисми вобастагии ин омилҳо дар расми мазкур инъикос нагардидааст;

2. Дар саҳифаи 11, расми 2 муаллиф оиди хавфҳои низоми бонкҳои тиҷоратиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, вале моҳияти хавфҳои баррасигардида дарҷ нагардидаанд.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ доранд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи “Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва инноватсия**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**
Суроғаи элек.: t_rizokulov@mail.ru
Телефон: (+992) 3422 23594

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н,хонаи 1, Телефон: +992(3422)2-38-11,
E-mail: tsulbp@rambler.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,професссор Ризоқулов Т.Р-ро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Саидов П.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС